МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№1 (65),
ЯНВАРИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ИРОАИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ




Рӯзи 26-уми январ дар толори калони "Кохи Сомон"-и Бӯстонсаройи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.

Дар толор раёсат ва аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва аъзои Ҳукумати мамлакат, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, мақомоти марказии судӣ ва дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои олии таълимӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, як гурӯҳ собиқ вакилони Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ, Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, вакилони як қатор иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва эҷодӣ, роҳбарияти корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, бонкҳо, доираи тоҷирону соҳибкорон ва ҷавонони ташаббускор, намояндагони ҳайати дипломатӣ ва воситаҳои ахбори умум иштирок доштанд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои ояндa муайян намуда, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

## Тамошои дастаҷамъонаи Паёми Пешвои миллат дар Академия

Роҳбарият ва ҳайати шахсии Академия дастаҷамъона Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олӣ тариқи оинаи нилгун тамошо карданд.

Толори маҷлисгоҳ бо монитори калон ва толорҳои лексионӣ бо телевизорҳо муҷаҳҳаз гардонида шуда, ҳайати шахсӣ бо риояи қоидаҳои беҳдошт Паёми солонаи Роҳбари давлатро тамошо намуданд. Дар Паёми навбатӣ сухан аз дастовардҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ, мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ, истиқболи ҷашни муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ рафта, иброз гардид, ки дар асоси пешрафти иқтисоди босуръати кишвар сатҳи зиндагии мардум боз ҳам боло рафта, андозаи маошу нафақа ва дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ боло бурда шуда, давлату Ҳукумати Тоҷикистон новобаста ба пандемияи коронавирус боз ҳам дар ин ҷода чорабиниҳои мушаххас мегузаронанд. Ҳамчунин, 300 корхонаи нави саноатӣ, чандин иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ ва маорифу тандурустӣ ба кор оғоз бахшида, роҳи саноатикунонии босуръати кишвар пеш гирифта шуд, ки ин тадбирҳо имкон медиҳад Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил ёбад. Дастур дода шуд, ки заминҳои кишоварзӣ аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд, ки ин ғамхорӣ дар соҳаи рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

Соли 2021 Озмуни ҷумҳуриявии "Илм - фурӯғи маърифат" барои рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ гузаронида шуда, ғолибони озмуни дигари ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» барои ҳавасмандгардонӣ бидуни имтиҳонҳо ба мактабҳои олӣ дохил карда шаванд. Нафақаи маъюбон аз 20 то 50% зиёд карда шуда, 3 мактаб-интернати Президентӣ бо тамоми шароитҳо барои ятимон бунёд карда шавад.

Инчунин, баланд бардоштани нақши занон дар кори идоракунии давлатӣ, ҳифзи забон, таърих ва фарҳанг баррасӣ гардид. Ба Прокуратураи генералӣ дастур дода шуд, ки барои пешгирии хатарҳои терроризму экстремизм лоиҳаи



нави "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025"-ро баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати кишвар пешниҳод созад.

Роҳбарият ва ҳайати шахсии Академия аз тамошои дастаҷамъонаи Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ таассуроти амиқ бардошта, бо рӯҳу илҳоми тоза тасмим гирифтанд, ки ҷашни муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо хониши хубу аъло, интизоми намунавӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ва саҳмгузорӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ истиқбол хоҳанд гирифт.

Имрӯз нақш ва мақоми китоб ҳамчун манбаи муҳими дониш ва таҳқиқи масоили гуногуни таъриху сиёсат, иқтисодиёту маънавиёт ва маорифу фарҳанги халқамон беш аз пеш меафзояд.
Эмомалӣ Раҳмон

ЯНВАРИ СОЛИ 2021

# Кормандони Академия дар намоишгоҳи китоб



Рӯзи 21-уми январ бо ибтикори нашриёти "Адиб" дар назди бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон намоишу фурӯши китобҳо баргузор гардид, ки дар баробари кормандони касбу кори гуногун ва аҳли ҷомеа, дар он намояндагони дастгоҳи марказии ВКД, Академия, Раёсату Шуъбаҳои ВКД дар шаҳри Душанбе иштирок ва теъдоди муайяни китобҳои тозанашрро харидорӣ намуданд.

Сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ иброз намуд, ки кормандони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пайваста дар чунин намоишгоҳфурӯши китобҳо иштироки фаъол дошта, дар Академия оид ба китобҳои мутолиашуда озмунҳо баргузор мегарданд ва ғолибон муайяну қадрдонӣ карда мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Академия ба ғайр аз китобхонаҳои доимӣ боз дар ҳар як факултет синфхонаҳои алоҳидаи китобхонӣ ҷудо карда шуда, рӯзи ҷумъаи ҳар ҳафта рӯзи умумии китобхонӣ дар ин таълимгоҳ эълон гардидааст.

*У. Олим*



# Курсантон ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар гардиданд



Баъд аз бомуваффақият супоридани сессияи зимистона ва ҷамъбасти машқҳои оперативӣ-тактикии курсантони курси 5-ум, вохӯрии сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо онҳо доир гардид. Сардори Академия зимни вохӯрӣ бори дигар курсантонро ба риояи интизоми хизмативу қонуният ва одоби касбии корманди милитсия даъват намуда, онҳоро хотиррасон намуд, ки тамоми талаботҳои роҳбарияти ВКД ва Академияро риояву иҷро намоянд.

Дар идомаи нишасти мазкур номбурда ба сардорони факултетҳо, воҳидҳои таълимӣ-низомӣ ва шуъбаи таълим дастур дод, ки таҷрибаомӯзӣ дар тамоми раёсату шуъбаҳои ВКД дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд дар дараҷаи баланд ташкил ва гузаронида шавад, то ин ки хатмкунандагон барои супоридани натиҷаи он ва супоридани имтиҳонҳои хатмкунӣ малака ва маҳорати касбии корманди ояндаи мақомоти корҳои дохилиро пурра аз бар намоянд.

Вохӯрӣ дар рӯҳияи баланд ва ҳусни тафоҳуми тарафайн сурат гирифта, масъулини таҷрибаомӯзии курсантон барои назоратбарӣ аз роҳбарияти Академия таъин гардиданд, ки сари ҳар вақт бояд аз вазъи таҷрибаомӯзӣ воқиф гардида, ба сардори Академия маълумот пешниҳод созанд.

*Ш. Убайдуллоев*

# Робита бо волидон тақвият меёбад



Дар асоси дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ ва тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо ҷомеа, аз ҷумла робита бо волидони курсантон, роҳбарияти Академия санаи 15-уми январ бо волидони курсантони курси 1-уми факултети №2 вохӯрии муфид доир намуданд.

Нахуст, маҷлиси умумии падару модаронро муовини аввали сардори Академия генерал-майори милитсия Кабирзода Ҷурахон Ҳаким оғоз намуда, дар бораи дастгириву ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти ВКД доир ба фароҳамоварии шароитҳои беҳтарини таҳсил дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ изҳори андеша намуд. Аз ҷумла, ӯ иброз дошт, ки мақсади асосӣ аз баргузории маҷлиси падару модарон дар амал татбиқ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" буда, мо бояд якҷоя сифати таълими курсантонро баланд бардорем ва онҳоро дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намоем.

Дар вохӯрии мазкур, ҳамчунин муовини сардори Академия полковники милитсия А. Ализода, сардори воҳиди таълимӣ-низомӣ полковники милитсия С. Холзода ва куратори курси якум иштирок намуданд.

Дар ин ҷамъомад волидони курсантони курси 1-уми факултети №2, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, дар чорабиниҳои илмию таълимӣ, низомӣ ва фарҳангӣ фаъолона иштирок кардаанд, бо Сипосномаи сардори Академия сарфароз гардонида шуданд.

*Б. Асламов*

# Самаранокии гузариш ба усули нави қабули имтиҳонҳо

Дар асоси талаботи суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави таълимии Академияи ВКД, ки санаи 30-юми августи соли 2017 сурат гирифт, масъалаи гузариш ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини низоми кредитии таҳсил дар мактабҳои олӣ аз 30-юми декабри соли 2016 тахти №19/24, бо супориши сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар тарзи қабули имтиҳонҳо ва санҷишҳои курсантон тағйиротҳои куллӣ ворид гардид.

Дар Маркази тестии Шуъбаи таълими Академия таҳти роҳбарии сардори шуъбаи мазкур полковники милитсия П. Насуриён, сардори Маркази тестӣ подполковники милитсия Т. Шокирзода, сарнозир майори милисия Б. Холов ва нозири калон капитани милитсия Ш. Зоиров усули нави қабули автоматикунонидаи компютерии санҷишу имтиҳонҳо дар курси якуми факултетҳои Академия ҷорӣ гардид. Ин ташаббус натиҷаҳои хуб дода, мустақилияти курсантонро дар азхудкунии фанҳои таълимӣ афзун гардонид.

*Б. Асламов,*
*Ш. Убайдуллоев*





## Китобхонаи факултет бо адабиёти тозанашр ғанӣ гардонида шуд

Боиси ифтихор аст, ки дар сиёсати хирадмандона ва маънавиятасоси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати аҳли ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Дастури Пешвои миллат дар заминаи интишор ва ба ҳар оила дастрас намудани шоҳкитоби "Тоҷикон"-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва мувazзаф намудани ҳар як шаҳрванд бобати дар як сол мутолиа кардани ҳадди ақал панҷ китоби бадеӣ, ҳар қадоми моро вазифадор мекунад, ки ба масъалаи донишомӯзии аҳли ҷомеа, бахусус насли ояндасоз диққат диҳем.



Гузашта аз ин, Пешвои миллат дар Паёмашон дар робита ба соҳаи маориф дастуру супоришҳои саривақтӣ дода, аз ҷумла дар тамоми муассисаю ташкилот ва корхонаю идораҳо ташкил намудани китобхонаҳоро супориш дода буданд.

Роҳбарияти факултети №4 дар асоси ин дастуру супоришҳои Пешвои миллат ва ба хотири баланд бардоштани сатҳи маънавиёти кормандону курсантон, инчунин бахри бой гардонидани китобхонаи факултет бо китобҳои бадеии тозанашр кӯшиш ба харҷ дода истодааст.

Вобаста ба ин, дар асоси аризаи роҳбарияти факултети №4, аз ҷониби Раиси вилояти Суғд, муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода ба факултети №4 зиёда аз 500 нусха китобҳои бадеии нодир ва тозанашр, аз ҳисоби китобҳои чопии шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони вилоят, Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ, матбааҳои муассисаҳои таҳсилоти олии ҳудуди вилоят ва дигар муассисаҳои нашркунандаи китоб, ҳадя карда шуд.

*Беҳзод Султонзода,*
*муаллим-методисти калони қисми таълими факултети №4,*
*капитани милитсия*

## Фаъолнокии курсант дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ



Сержанти хурди милитсия Исозода Саидшоҳ Идибек соли 2007 ба мактаби таҳсилоти умумии рақами №4 шаҳри Бохтар рафта, соли 2016 пас аз хатми бомуваффақияти синфи 9-ум ба Литсейи ҳарбии ба номи генерал-майор Тошмуҳаммедов М.Д. дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Соли 2018 ба Академияи ВКД дохил шуда, айни замон курсанти курси 3-юми факултети №2 буда, бо баҳои хубу аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил дорад. Дар баробари таҳсил ӯ ба корҳои илмӣ машғул шуда, дар фаъолияти "Ҷамъияти илмии курсантон" иштироки фаъол намуда, дар озмунҳои дохилӣ ва байналмилалӣ зери роҳбарии омӯзгори калони кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникӣ подполковники милитсия Заррина Рустамзода шуғл меварзад.

Аз ҷумла, ӯ чанде пеш ба таври ғоибона дар Озмуни байналмилалии корҳои донишҷӯён дар шаҳри Могилёви Ҷумҳурии Беларус бо мақолаи илмии "Структурные и логические модели обучения" ширкат намуда, соҳиби Дипломи дараҷаи 3-юми ин озмун гардид.

Саидшоҳ Исозода ба навиштани хабару мақолаҳо шавқу рағбати зиёд дошта, бо нашрияҳои соҳавии мақомоти корҳои дохилӣ пайваста ҳамкорӣ менамояд. Аз ҷумла, мақолаҳои ӯ "Тадбиқи адолатнокии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ" дар ҳафтаномаи "Қонун ва ҷомеа" (моҳи октябри соли 2020) ва "Маҷоми корманди оперативӣ дар амну субот" дар нашрияи "Набзи милитсия" (моҳи декабри соли 2020) ба табъ расида, ба Озмуни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ маъруфи худро бо номи "Солҳои 2019-2021 солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" пешниҳод намудааст.

Ҳоло бошад, Саидшоҳ Исозода барои иштирок дар озмуну конференсияҳои байналмилалии Аврупосиё дар шаҳри Маскав, озмуни донишҷӯён дар шаҳри Могилёви Ҷумҳурии Беларус ва Конференсияи байналмилалии Донишкадаи ҳуқуқии Федератсияи Руссия дар шаҳри Орлов (ба таври ғоибона) омодагӣ мебинад.

Ба курсант, сержанти хурди милитсия Исозода Саидшоҳ Идибек барои иштироки фаъол дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таҳти роҳбарии омӯзгори калони кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникӣ подполковники милитсия З. Рустамзода комёбиҳо таманно дорем.

*Б. Асламов,*
*Ш. Одиназода,*
*ходимони Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр*

# Малакаи ихтисосии кормандон баланд бардошта мешавад

Дар асоси нақшаи таълимии Академия ва дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ҷиҳати баланд бардоштани малакаи ихтисосии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар заминаи факултети №3 курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони оперативии ВКД созмон дода шудааст.



Дар курсҳои мазкур, дар баробари устодони Академия, ба раванди таълим роҳбарони мақомоти дахлдор ҷалб гардидаанд. Аз ҷумла, мутобиқи нақша 15-уми январ аз тарафи мутахассисони Маркази хадамоти кинологии ВКД, сардори қисми махсуси таълимӣ капитани милитсия З. Қурбониён ва нозирони кинологӣ майори милитсия Ҳ. Раҳимзода, капитани милитсия О. Набиев, лейтенанти калони милитсия Х. Давлатзода, капитани милитсия М. Маҳмудзода ва У. Ҳусейнзода дар



сатҳи баланди касбӣ дарси назариявӣ ва амалӣ гузаронида шуд.

Дарси мазкур аз ҷониби шунавандагон ба хубӣ пазируфда шуда, бо саволу ҷавоб анҷом ёфт.

Тазаккур бояд дод, ки бо иқдоми роҳбарияти Академия, ба раванди таълим роҳбарони бахшҳои гуногуни мақомоти корҳои дохилӣ ҷалб гардида, он барои аз худ намудани фанҳои таълимӣ самараи хуб медиҳад.

***Б. Асламов,***
***У. Олим***

# Заминаи ташаккули маҳорати касбӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд, ки:

"Агар мо хоҳем, ки бо ҷомеаи пешрафтаи башар баробар қадам гузорем, бояд барои омӯхтани такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ эътибори ҷиддӣ диҳем. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 барномаи нави такмили таълимӣ забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд".




Бо мақсади дар амал ҷорӣ намудани ин гуна таъкидҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар асоси дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, дар баробари дигар кафедраву факултетҳои Академия дар кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети №4 низ курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ ва баланд бардоштани савияи маҳорату малакаи технологияи компютерӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудааст.

Шунавандагон зимни таҳсил дар ин курсҳо аз тағйироту иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ, фармонҳои навсодиршудаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои ҳуҷҷатнигорӣ, реҷаи махфӣ, исლоҳоти забоншиносон дар грамматикаи забони тоҷикӣ ва омӯзиши забони русӣ аз наздик шинос шуда, донишҳои назариявии худро боз ҳам баланд мебардоранд.

Аз ҷумла, дар чунин курси навбатии кӯтоҳмуддат 20 нафар кормандони РВКД дар вилояти Суғд ва Шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои вилоят таҳсил карданд.

Рӯзи 23-юми январ маросими супоридани шаҳодатнома ба шунавандагони курси тайёрии махсуси 15-рӯза дар факултети №4 баргузор гардид.

Дар маросими мазкур муовини сардори факултети №4 полковники милитсия Муҳаммадзода Н.Б. 20 нафар шунавандагонро барои гирифтани шаҳодатномаи курси тайёрии махсус табрик намуда, изҳор дошт, ки дар оянда барои давлату миллати худ бо як масъулияти баланд кору фаъолияти хешро давом диҳанд.

Ба ин монанд, санаи 21-уми январ маросими супоридани шаҳодатнома ба шунавандагони курси такмили ихтисос дар самти кормандони қисмҳои навбатдорӣ ва командирони взводҳои посбонӣ-пайраҳадории РВКД ва Шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар факултети №4 баргузор гардид.

Аз тарафи сардори кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси ин факултет ба 14 нафар шунавандагони курси мазкур шаҳодатномаи хатми курси такмили ихтисос дода шуд.

Ба ҷуз ин, зикр кардан ба маврид аст, ки аз 19-уми ноябри соли 2020 то 20-уми январи соли 2021 дар факултети мазкур 19 нафар кормандони самти Хадамоти посбонӣ-пайраҳадории милитсия аз РВКД ва Шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд курси тайёрии ибтидоии семоҳаро гузаштанд.

Санаи 20-уми январ ба ҳар як шунавандаи курси тайёрии ибтидоии семоҳа тавсияномаҳо супорида шуд. Муовини сардори факултети №4 оид ба қисми таълим полковники милитсия Муҳаммадзода Н.Б. онҳоро табрик гуфта, изҳор намуд, ки ҳушёриву зиракии худро аз даст надода, аз рӯйи Дастурамалу Низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВКД вазифаҳои хизматии худро содиқона иҷро намоянд.

***М. Баҳодурзода,***
***муаллимаи калони кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети №4, капитани милитсия***




# Машғулиятҳои назариявию амалӣ

Тибқи дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро оид ба ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ-амалӣ, инчунин бозомӯзӣ, такмилдиҳӣ ва мукаммал намудани савияи донишҳои кормандони воҳидҳои оперативии мақомоти корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, рӯзҳои 20-21-уми январ дар Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон машғулият ва дарсҳои назариявӣ-амалӣ гузаронида шуд.

Дар толори маҷлисгоҳи РВКД дар вилояти Хатлон тамоми ҳайати роҳбарикунандаи воҳидҳои оперативии шаҳру ноҳияҳо ҷамъ омада буданд.

Аз ҷониби муовини сардори РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники милитсия Сафар Ҳабибуллоев, сардори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №6 подполковники милитсия Аҳтамшозода Саидмуҳаммад Аҳтамшо, муовини сардори шуъбаи РМЗҒММ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники милитсия Азамҷонзода Ҷамшед Азам, ваколатдори оперативии шуъбаи кушодани ҷиноятҳои солҳои пешини РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники милитсия Алиҷон Савров ва валокатдори калони оперативӣ оид ба КММ БММ "Интерпол" ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники милитсия Тоирӣ Зафар Мурод дар мавзӯъҳои гуногун дарси назариявӣ ва амалӣ гузарониданд.

Ҳайати шахсии воҳидҳои оперативӣ аз гузаронидани дарсҳо баҳрманд гардида, машғулиятҳои мазкур дар охир бо саволу ҷавобҳои зарурӣ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба анҷом расонида шуданд.

***С. Сафарзода,***
***Ш. Убайдуллоев***




# Омили муҳими тарбияи кадрҳо

Вобаста ба амалӣ намудани дастуру супоришҳо ва Протоколи ҷаласаи селектории назди Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар заминаи факултети №6 курсҳои доимоамалкунандаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар ташкил карда шудааст.

Ин навбат ба таълим дар Академия кормандони Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ба курсҳои такмил ҷалб шудаанд. Аз тарафи сардори Маркази омор ва назорати СМИТ ВКД подполковники милитсия Холиқзода Хушбахтҷон Ҷуракул ва сардори шуъбачаи назорати Маркази омор ва назорати СМИТ ВКД подполковники милитсия Меликзода Фарҳод Изатулло дар мавзӯи "Фармоиши якҷоя оид ба қайди ҷиноятҳо" дар сатҳи баланди касбӣ бо шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дарси назариявӣ ва амалӣ гузаронида шуд, ки дараҷаи тахассуси кормандони самти СМИТ ВКД-ро боло бурд.

***Б. Асламов***

# Санҷиши комплексии кафедраҳо

Дар асоси дастуру супоришҳои роҳбарияти ВКД ва банди 2.3 нақшаи чорабиниҳои асосии Академия, дар факултети №4 аз санаи 12-уми январ гурӯҳи корӣ барои санҷиши комплексии кафедраҳо бо мақсади иҷроиши самараноки талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илм ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.



Фаъолияти кафедраҳо дар асоси феҳрасти ҳуҷҷатгузорӣ, тибқи талаботи низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз санҷиш гузаронида шуда, камбудиҳои кафедраҳо ба таври воқеӣ муайян карда шуд. Ҳамзамон, аз тарафи гурӯҳи корӣ барои ислоҳи камбудиҳои муайянгардида муҳлат ва тавсияҳои методӣ дода шуд.

***М. Баҳодурзода,***
***муаллимаи калони кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети №4***
***А. Хонкилдиев,***
***сержанти калони милитсия***




***Муҳаммад Шарифзода,***
***курсанти Коллеҷи милитсияи ВКД***

## *Ватан имони ман аст*

*Сарпаноҳам-қиблагоҳам Ватан аст,*
*Ишқи дерин лафзи ширини ман аст.*
*Пок месозад ҳар қатрааш имони маро,*
*Ватан имони ману Ватан виҷдони ман аст.*
*Бахту тахте агар дорам ба дунё,*
*Тахту рахтам Ватан аст, ҳама бахтам Ватан аст.*

## *Тоҷикистон*

*Тоҷикистон кишвари ман,*
*Кишвари сулҳофари ман.*
*Кишвари аз ишқу армон,*
*Тоҷикистон-Тоҷикистон.*

## *Эй модари ҷон!*

*Кишвари ман Тоҷикистон,*
*Махзани бахтофарон аст.*
*Каъбаи ман Тоҷикистон,*
*Хонаи ҳама тоҷикон аст.*
*Аз Рашт то Бадахшон,*
*Ҳам Ҳисору Шаҳристон.*
*Ин ҳама моем миллат,*
*Бахри ту эй модари ҷон.*

## *Бибиҷонам куҷоӣ?*

*Ғарқи селоби дардам,*
*Бибиҷонам таркам кард.*
*Ман аз ин дунёи фонӣ,*
*Оҳ сардам, оҳ сардам.*
*Чун ба ёд ояд симояш,*
*Қади болои тутояш.*
*Мечакад хун аз ҷигарҳо,*
*Мекунам доим дуояш.*
*Сабр хоҳам аз Худованд.*
*Гиряҳои мо бувад чанд.*
*Бахри бобои азизам,*
*Сабр бахшо эй Худованд.*

## *Бибор борон*

*Бибор борон, бибор борони найсон,*
*Ба рӯйи киштзори марди деҳқон.*
*Шавад ҳосил фаровон аз қудумат,*
*Бибор то мушкилие гардад осон.*
*Ҳаво аз нақдами ту ноб гардад,*
*Замин аз қатраат сероб гардад.*
*Гули райҳон бирӯяд аз насимат,*
*Тамоми буттаҳо шодоб гардад.*
*Бибор борон, бибор борони найсон,*
*Бибор то мушкилие гардад осон.*

*Сада ҷашни мулуки номдор аст,*
*Зи Афаридуну Ҷамшед ёдгор аст.*

Ҷашни Сада ба монанди ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон ҷашни миллӣ буда, анъана ва оину суннатҳои ниёгонро дар худ нигоҳ дошта, то ба замони мо мустақилияти худро ҳифз намудааст. Решаи ҷашнҳои мардуми ориётабор аз ибтидо бо табиату кайҳон ва иҷтимои башарӣ иртибот доштааст. Ба ҳамин тартиб, решаи аксари ҷашнҳои ориёӣ бархоста аз кашфиётест, ки ошкор шудани он ба нафъи тамоми ҷомеи башарӣ будааст. Аз қабили кашфи оташ, баробарии шабу рӯз, ихтирои оҳан, даст ёфтан ба улуми кишоварзӣ, тиб, риёзӣ ва ғайра.



Боз дар ин боб муҳимтару маънодортар ин нукта аст, ки кашфи оташ аз тарафи Ҳушанг дар замни тадбирҳои паёпайи ӯ оварда мешавад, ки аз рӯйи моҳият онҳоро метавон тамаддунофаринӣ унвон кард.

Муҳимтарин дастовардҳо ва ихтироъоти Ҳушанг дар ин силсила он гуна ки дар "Шоҳнома" ёд шуда, аз ин қабил аст:

1. Кашфи оташ;
2. Ҷудо кардани оҳан (филизот) аз санг;
3. Киштy варз ва истеҳсоли маводи кашоварзӣ, ки то ин замон хӯроки мардум танҳо аз меваҷоти худрӯй буд;

# Ҷашни Сада ва рамзҳои он дар сарчашмаҳои адабӣ

Барои мисол, Каюмарс тибқи ривоёти "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ, аввалин касе буд, ки тоҷи подшоҳӣ бар сар ниҳода, низоми ҳукуматдориро бунёд гузоштааст. Шоҳ Ҳушанг мардуми замони худро бо обёрию санъат, ҷудо кардани оҳану санг ва сохтани абзори оҳанӣ ошно сохт ва ба онҳо кишоварзӣ омӯхт. Кашфи оташ ва бунёди ҷашни Сада низ ба Ҳушанг нисбат дода мешавад.

Дар сарчашмаҳои адабӣ ва тафсирҳои мавҷуд то кунун дар мавриди ҷашни Сада маълумоти фаровоне гирд омадааст, ки аксаран аз таъбиру тафсири луғавии худи калимаи "сада" шурӯъ мегардад, ки решаи он ҳанӯз барҷой ва роиҷ аст, ки шумори сад (100) мебошад. Аз ҷумла, дар "Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ"-и таълифи Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ омадааст: "Сада, мансуб ба ададӣ сад, ки аслан аз вожаи "садак"-и паҳлавӣ моя гирифта ва дар арабӣ сазақ ва садақ шуда, ҷашнест, ки дар баҳманрӯз аз баҳманмоҳ (шаби даҳуми баҳман) бо барафрӯхтани оташ, тайи маросими хоссе анҷом мегирад".

Сада ҷашни қадимаи мавсимии халқиятҳои ориёинажод ба шумор меравад, ки рӯзи 10-уми моҳи баҳмани солшумории шамсӣ таҷлил мегардид ва мутобиқи солшумории мелодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январи солшумории мелодӣ рост меояд. Метавон гуфт, ки Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани Шаби Ялдо (дарозтарин шаби аввали моҳи дай) ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро мерасад. Ин ҷашнро барои он Сада меноманд, ки аслан аз шумораи сад гирифта шуда, аз 10-уми моҳи баҳман то омадани Наврӯз 50 шабу 50 рӯзро фаро мегирад. Ба қавли Абӯрайҳони Берунӣ, аҷдодони барӯманди мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд, ки он дар якҷоягӣ то расидани Наврӯз 100 шабу рӯзро ташкил менамуд. Иди Сада дар поёни чиллаи калон чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон одатан муждае аз наздик расидани баҳор меоварда. Мардум, бахусус деҳқонон дар шаби Сада бори дигар бузургдошти худои гармию фурӯғи минои Митра (Меҳр)-ро ёдоварӣ намуда, ба поси он гулханҳои бузург меафрӯхтанд ва шодиву хушҳолӣ менамуданд. Сада моҳиятан пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда, бо тантанаи оташафрӯзӣ, омадани фасли баҳору муждаи пешаки Наврӯзро мерасонд.

Сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бузургдошти оташ ва ойини Меҳрпарастӣ дар миёни гузаштагони тоҷикон ва дигар халқҳои форсизабон тақрибан даҳ дувоздаҳ ҳазор сол пеш, дар сарзамини паҳновари "Аирйанам Ваеҷах" ("Фароҳнои Ориёно") падид омадааст. Дертар дар ҳамин замина ҷашнҳои мавсимии Шаби Ялдо ва Сада зимни мушоҳидаҳои бурҷҳои фалак, ҳаракати Офтоб ва дигар ҷирмҳои кайҳонӣ маълум гардидааст.

Ҳамон гунае, ки ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон дар осори шоирону адибони тоҷик инъикос ёфтааст, оҳанги Сада низ дар осори файласуфон ва шоирони гузаштаи мо, аз қабили Абӯрайҳони Берунӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Фирдавсиву Манучеҳрӣ, Анварӣ, Унсурӣ, Умари Хайём ва дигарон низ ривоҷи зиёде дорад, ки Хоқонии Шервонӣ дар ин маврид чунин гуфтааст:

*Фархунда кард Хусрави Машриқ ба фарри ту,*
*Наврӯзи фарруху Садаву Меҳргони хеш.*

Ҳамчунин, шоир ва файласуф Умари Хайём пайдоиши ҷашни Садаро ба замони Афредун нисбат дода, дар "Наврӯзнома" чунин зикр намудааст: "Афредун ҳамон рӯз, ки Заҳҳок бигирифт, ҷашни Сада барниҳод ва мардумон, ки аз ҷабру ситами Заҳҳок раста буданд, писандиданд ва аз ҷиҳати фоли нек он рӯзро ҷашн карданд ва ҳар сол то ба имрӯз ойини он подшоҳон некаҳдро дар Эрон ва даври он ба ҷой меоваранд".

Ҳамчунин, дар бораи бунёдгузори ин ҷашн ҳам назари голиб бар Ҳушанг - дувумин шоҳи силсилаи Пешдодиён, набераи нахустин шоҳ - Каюмарс ва фарзанди Сиёмак далолат мекунад. Ахёнан, ин ҷашн ба Фаридун низ нисбат дода шудааст, ки дар ин хусус дар "Фарҳанги асотир" баён шудааст.

Пеш аз ҳама, бояд ёдовар шуд, ки маълумот дар бораи пайдоиши ҷашни Сада дар "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ хеле муфассалу пурмаъно аз он маълумотест, ки дар ҳамин китоб дар бораи Наврӯз ва Меҳргон омадааст. Агар дар хусуси зуҳури он ду ҷашни бузург шоир ба даҳ то чордаҳ байт иктифо карда бошад, дар хусуси зуҳур ва оғози ҷашни Сада шумори абёт хеле бештар аст ва гузашта аз ин, дар хусуси он боби махсусе дар "Шоҳнома" низ вуҷуд дорад. Ба мисли:

*Яке рӯз шоҳи ҷаҳон сӯйи кӯҳ*
*Гузар кард бо чанд кас ҳамгурӯҳ.*
*Падид омад аз дур чизе дароз,*
*Сияҳрангу тиратану тезтоз.*
*Ду чашм аз бари сар чу ду чашма хун,*
*Зи дуди даҳонаш ҷаҳон тирагун...*

ё ин:

*Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,*
*Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.*
*Нашуд мор кушта, валекин зи роз*
*Падид омад оташ аз он санг боз.*

Ҳамчунин:

*Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,*
*Басе бод чун ӯ дигар шаҳрёр,*
*К-аз ообод кардан ҷаҳон шод кард,*
*Ҷаҳоне ба некӣ аз ӯ ёд кард.*

Чӣ тавре, ки Абулқосими Фирдавсӣ дар ин мисраҳои шеърӣ баён кардааст, Ҳушанг бо гурӯҳи ҳамроҳонаш аз шикоргоҳ гузар мекард, ки ногаҳ чашмаш ба мори сиёҳе дарафтод ва сангеро бардошта ба болои он ҳавола дод, ки ба санги дигар бархӯрда, дар ин вақт аз зарбаи ду санг оташ ба вуҷуд омад. Аз ҳамон рӯз онро нури хуршедӣ ном гузошта ва пайдоиши оташро ба Ҳушанг асос гузоштанд.

4. Таҳияи пӯшоки мардум аз пӯсти (чарми) ҷонварон, ки то ин замон пӯшокашон барги дарахтон будааст.

Дар маҷмӯъ мебинем, ки он чӣ барои рушду пешрафти се соҳаи фаъолияти асосии иқтисодии ҷомеаи инсонӣ, ки ҳанӯз ин ҷойгоҳро ҳифз кардаанд, яъне саноат, кашоварзӣ ва чорводорӣ, дар замони Ҳушанг ва бо ташаббуси ин шоҳи бузург зербинои аслӣ бунёд ниҳода мешавад.

Бинобар ин мулоҳизаҳо, оташи ихтироъкардаи Ҳушанг нахустин партави дурахшон ва нерӯманди тамаддуни ҳаётии башарӣ буд ва онро "фурӯғи эзадӣ" донистан аст, ки ба баракати он зиндагии инсон сару сомон ёфт. Ин оташро дар ниҳоят ба нерӯ (энергия) ҳам татбиқ кардан мумкин аст.

Нуктаи дигари қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки маҳсули ин оташ саропо хайру созанда (на сӯзанда) тавсиф мешавад ва он маҳсули ҷаҳду талоши инсони воломаниш дар як муҳити табиӣ ва дар доираи имконоти инсонӣ таъриф меёбад. Аз ин назар, бо достони пайдоиши оташ дар асотири миллатҳои дигар имтиёз ва бартарии равшан дорад.

Ҳушанг дар фарҳангҳо "Бахшандаи ҷойгоҳи хубу некӯманзар" тавсиф шудааст, аммо аз матни "Шоҳнома" ва майли Ҳаким Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки решаи ин ном бо "хуш", ки ба маънои дигар хирад ва равони хирадманд таъбир мешавад ва "анг" чун пасванди нисбатсоз корбурди фаровон дорад.

Ҳушанг аз қабили қаҳрамонони хушноми "Шоҳнома" чун Фаридуну Эраҷ ва Сиёвуш мебошад, ки минбаъд дар фарҳанги даврони баъдӣ низ аз онҳо фаровон ба некӣ ёд шудааст.

Метавон бо таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва муҳтавои "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ дар шарҳу тавсифи ҷашни Сада ҳамин ҷанбаи асливу асосии он, яъне ободонӣ, тамаддунофарӣ ва рушду ривоҷи ҳунарҳои саноатӣ, рӯшангарӣ ва кишоварзиву чорводориро аслу асос қарор дод.

Хуллас, бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ, соҳибихтиёр гардидани миллати тоҷик бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд сол боз ин ҷашни таърихӣ низ таҷлил мешавад, ки ин гуна иқдомҳои накӯ боиси эҳёи оину суннатҳои ниёгон гардида истодааст.

**_Маҳмадшариф Гадозода,_**
**_омӯзгори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2,_**
**_номзади илмҳои филологӣ,_**
**_майори милитсия_**
**_Вамариҷ Султонзода,_**
**_омӯзгори кафедраи мазкур,_**
**_капитани милитсия_**

# Коррупсия ва шаклҳои он

Коррупсия имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳоҷагии халқи давлатҳо ба назар мерасад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он кӯшиш дорад, ки ин зуҳуроти номатлубро аз ҳаёти ҷомеа дур ва таъсири онро пасттар намояд. Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон коррупсия "вабои аср" номгузорӣ шудааст, ки дар кишвар ба масъалаи мубориза бо ин проблемаи глобалӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Аз огози солҳои 90-уми асри гузашта сар карда, аксар давлатҳои пешрафта барои мубориза бо коррупсия роҳҳои умумӣ ва хусусияти минтақавидоштаро ба татбиқ кардан огоз намуданд. Дар ҷаҳони муосир шарҳи ягона, оммафаҳм ва қобили қабул нисбат ба мафҳуми коррупсия вуҷуд надорад, зеро мафҳуми он хеле васеъ мебошад.

Коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, омӯзиши ҷиддиву мунтазам, муносибати махсус, муқобилияти комплексӣ ва оперативиро талаб менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудааш дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия, дар асоси принсипҳои ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақсади пешгирии коррупсия ва мубориза бо он, ҳамкориро бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ вусъат бахшидааст.

Коррупсия ин сӯистеъмол аз ваколатҳои хизматӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ мебошад. Моҳияти коррупсияро метавон бо роҳи муқоиса кардани он ба зуҳуроти ба он монанд ё умумӣ, аз қабили порагирӣ (ришвагирӣ) дурусттар дарк намуд.

Гирифтани пора - аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнарав дар намуди пул, коғазҳои қиматнок барои иҷро кардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда мебошад.

Коррупсия дар шароити ҳозира монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодии давлат ва афзоиши самаранокии ниҳодҳои бозаргонӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар бораи мубозира бар зидди корупсия" аз 25 июли соли 2005 қабул шудааст. Қонунгузории мазкур коррупсияро ба намудҳои зерин чудо менамояд: коррупсияи маҳдуд, коррупсияи паҳншуда, корупсияи харобкунанда.

Дар баробари ба намудҳо чудо намудан коррупсия боз ба шаклҳои алоҳида низ тақсим мегардад. Аз ҷумла:

1. Дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ.
2. Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.
3. Дар соҳаи андоз ва гумрук.
4. Дар сохторҳои низомӣ.
5. Дар соҳаи тандурустӣ.
6. Дар соҳаи ҳоҷагии манзилӣ-коммуналӣ.
7. Дар соҳаи маориф.
8. Дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра.



*Сулаймонзода Рустам Неъматулло, омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2*

# Хатари ришвагирӣ ба амнияти давлат

Коррупсия ва хусусиятҳои он яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва таҳлилу тадқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати объективӣ табдил ёфтааст. Зеро он ба яке аз таҳдидҳои нави олам табдил ёфтааст, ки амнияти давлатҳо ва муносибатҳои ҷамъиятиро зери хавфу хатар мегузорад. Аз ин рӯ, намояндагони илми ҳуқуқшиносӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ки сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсияро вобаста ба давру замони мушаххас ошкор созанд.

Имрӯз зарурати тадқиқу таҳлили сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсия ба миён омадааст. Он метавонад ба рушди ҷомеаи демократӣ монеа гардад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ муносибат ба коррупсия дар сатҳи гуногун қарор дорад. Дар давраи Шӯравӣ вобаста ба назарияи коррупсия таълимоти мукаммале ташаккул наёфта буд. Зеро ба масъалаи коррупсия чандон диққат дода намешуд. Аниқтараш, коррупсияро хоси ҷомеаи сармоядорӣ дониста, ба ҷомеаи сотсиалистӣ бегона меҳисобиданд.

Дар ҷомеаи имрӯза амалҳои коррупсионӣ зуҳур ёфта, ба сатҳи болотарин расидаанд. Дар ҷаҳони имрӯза коррупсия яке аз масъалаҳои умумибашарӣ ба ҳисоб рафта, дар роҳи муваффақона амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, дар рушди умумимиллӣ, болоравии иқтисодиёт ва некӯаҳволии иҷтимоӣ халал ворид месозад.

Коррупсия ҳамчун фаъолияти ҷинояткорона дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа дониста шуда, аз ҷониби шахсони мансабдор ва ҳокимони давр бо мақсади бойшавии шахсӣ ва ғаразҳои дигар воқеӣ мегардад. Коррупсия фақат ҳодисаи ҷиноятӣ набуда, ҳамчун раванди иртиҷоии иҷтимоӣ заминаҳо ва хосиятҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва ғайраҳоро ба ҳам пайвастааст. Зеро мафҳуми коррупсия на танҳо ришвахӯрӣ, балки амалҳои дигари иртиҷоӣ, аз қабили порадиҳӣ, харидани шахсони мансабдор, тақдими тухфаҳо ба роҳбарону ҳокимон, протексионизм ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва пешбарии одамон ба вазифаҳои идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ бештар дар заминаи афзалияти аломатҳои хешутаборӣ, табақавию қавмӣ, иштироки бевоситаи шахсони мансабдор дар тақсими даромадҳо ба манфиатҳои шахсӣ, иштироки ҳокимон дар фаъолияти ғайриқонунӣ ба воситаи шахсони дигар, иттиҳодияҳои дигар фаҳмида мешавад. Дар ҷаҳони имрӯза дар санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ мафҳумҳои гуногуни коррупсия истифода мешаванд, ки нисбатан серистеъмолашон дар айни замон чунин таърифи пешниҳодкардаи Конгресси нуҳуми СММ мебошад. Яъне, коррупсия сӯистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба манфиатҳои шахсӣ аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" чунин таърифи коррусияро додааст: Коррупсия - ин амали (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва ё қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он амал (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд.

Оид ба масъалаи коррупсия ҳам дар Ғарб ва ҳам дар Шарқ таълимоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ ташаккул ёфта, чунин ҳолатро маҳкум намудаанд. Аз ҷумла, дини ислом амалҳои коррупсиониро маҳкум кардааст. Паёмбари ислом Муҳаммад (с) фармудаанд: "Ришвагиранда, ришвадиҳанда ва миёнрави байни ҳарду дар оташи дӯзаханд".

Яке аз шартҳои мубоизаи муваффақона бар зидди коррупсия ин фароҳам овардани заминаи мусоид ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа аст. Аслан, вақте ки бо баробари пайдоиш ва ташаккули давлат коррупсия дар шаклҳои оддиаш пайдо гардид, масъалаи мубориза бар зидди ин зуҳуроти иртиҷоӣ ва ифротӣ, ки метавонад ба асосҳои давлатдорӣ таҳдид карда, онро хароб намояд, барҷаста гардидааст.

Яке аз роҳҳои пурсамари мубориза бар зидди коррупсия ҳамчуноне, ки дар Барномаи глобалии СММ зикр гардидааст, ин огоҳонидани мардум аз хавфҳои коррупсия аст. Ҳар қадаре ки аҳолӣ аз оқибатҳои коррупсия бохабар бошад, ҳамон қадар мубориза бо коррупсия осон мегардад.

Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия ба давлатҳои иштирокчӣ тавсия додааст, ки шаҳрвандони худро аз зарари коррупсия бохабар намоянд.

Ҳуҷҷатҳои мухталифи СММ ба давлатҳо тавсия медиҳад, ки бо истифода аз тақсими ҳокимият мақомотҳои мустақилеро ташкил диҳанд, ки мақсади мубориза бо коррупсияро дошта бошанд.

Дарвоқеъ, мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат ба шумор меравад. Зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ асосҳои давлату давлатдориро аз байн бурда, ба фаъолияти муқаррарии мақомоти давлатӣ халал расонида, таъсири манфии хешро ба равандҳои иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия заминаи қонунӣ-ҳуқуқӣ сохта шуда, он бо суръати тез мукаммал гардида истодааст.

Манбаи асосии қонунгузории зиддикоррупсионӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия инҳо мебошанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005;
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чораҳои иловагии пурзӯр кардани мубориза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия" аз 21 июли соли 1999;
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсис додани Агентии мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 10 январи соли 2007 ва ғайра.

Хулоса, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахри решакан намудани ин зуҳуроти номатлуб аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, сохторҳои қудратӣ ва дигар табақаҳои иҷтимоӣ мунтазам чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, то ки давлату миллат аз хавфу хатари он эмин монанд.

*Ч. Шоназаров, курсанти курси 2 факултети №2*

Саодати худро пинҳон бидор, то аз ҳасуд эмин бошӣ, аммо на ба ҳадде ки мавриди раҳму дареғ қарор бигирӣ.

Питтак



# Китобҳои тозанашр

Ҳайдарзода З.П. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба савдои одамон: монография / дар зери таҳрири илми н.и.х., дотсент Захватов И.Ю. - Душанбе: "Мехроч-Граф", 2020. - 252 с.




Дар монография масъалаҳои асосии назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии мубориза бо савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Вазъият, тамоюл ва камбудиҳои рушди заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт таҳқиқ ва роҳҳои такмили минбаъдаи он пешниҳод карда шудаанд. Дар монография диққати асосӣ ба таҳлили камбудиҳои ташкилию ҳуқуқӣ дода шуда, хулосаву пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва такмил додани амалияи мубориза бо савдои одамон таҳия карда шудаанд. Диққати асосӣ ба таҳкими ҳамкории байни воҳидҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мубориза бар зидди савдои одамон фаъолият мебаранд, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо тамоми сохторҳои давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ, шаҳрвандоне, ки дар пешгирии савдои одамон ва расонидани кумак ба ҷабрдидагони ин ҷиноят иштирок мекунанд, равона карда шудааст.

Монография барои муҳаққиқон, омӯзгорон, аспирантону адъюнктҳо, донишҷӯёну курсантҳо ва шунавандагон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ, инчунин коршиносони ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ, ки ба қурбониёни савдои одамон кумак мерасонанд, пешбинӣ шудааст.




Маъруфиён Б.М., Саидзода С.С., Аҳтамшозода С.А. Асосҳои ҳуқуқии истифодабарии воситаҳои техникӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ: дастури таълимӣ-методӣ / зери назари Ф.Р. Шарифзода. - Душанбе: "ЭР-Граф", 2020, - 132 с.

Яке аз самтҳои баланд бардоштани фаъолияти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирӣ ва ҷилавгирӣ аз амалҳои номатлуб - таъмин, ташкил ва ҷорӣ намудани истифодаи маҷмӯи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва риояи талаботи он мебошад. Истифодаи техникаи махсуси муосир асосан ба беҳтарсозии идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намуда, пеш аз ҳама баҳри ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин ошкору муайян намудани шахсони ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда бо роҳи гузаронидани ҷорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона карда мешавад. Маҳз барои аз худ намудани тарзу усулҳои самараноки истифода намудани воситаҳои махсус барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо мутахассисони Академияи ВКД дастури таълимӣ-методии мазкурро тайёр намуданд.

Дастур барои омӯзгорон, курсантон, шунавандагони Академияи ВКД, инчунин барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Муҳитдинзода Н.М., Раҳмонӣ И.И. Криминалистика: маҷмӯи саволу ҷавоби тестӣ: васоити тестӣ. - Душанбе: "Сифат-Офсет", 2020. - 130 с.

Аҳамияти илми криминалистика дар он аст, ки ба иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ин вазифаҳо аз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои ҷамъият, давлат ва ташкилотҳое, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноятсодиркарда бо таъмини дурусти татбиқи қонун иборат мебошад.




Бинобар ин, мақсади асосии омӯзиши фанни криминалистика баланд бардоштани дониши курсантону шунавандагон ва дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи ин донишҳо мебошад. Васоити таълимии мазкур мухтасар тариқи тестӣ пешниҳод гардида, барои омода намудан ва супоридани санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ кумак мерасонад. Васоит мутобиқи барномаи таълимии фанни "Криминалистика" тартиб дода шуда, ба курсантону шунавандагони Академияи ВКД, инчунин онҳое, ки ба омӯзиши фанни мазкур шавқу ҳавас доранд, омода гардидааст.

Давлатшоева А.Ш. Забони тоҷикӣ: дастури таълимӣ (барои шунавандагон ва курсантони Академияи ВКД). - Душанбе: "Эр-Граф", 2020. - 160 с.




Забони модарии миллат сарчашма ва манбаи бақои он буда, санади қавитарини исботи зинда будани ҳар миллат, пойдор мондани забони модарии он аст. Пешвои миллат дар ин мавридиброз намудаанд, ки "Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлати миллӣ мақом ва нақши муҳим дорад ва ба ҳамин далел забони миллат бунёд ва пояи давлат маҳсуб мешавад". Маҳз ба ин хотир, бо кӯшиши мутахассисони Академияи ВКД дастури мазкур омода гардида, он дар асоси Барномаи таълимии забони тоҷикӣ (барои гурӯҳҳои тоҷикии ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) ва мавзӯъҳои таълимӣ, маҷмӯи матнҳои гуногун, супоришҳо ва истилоҳоти ҳуқуқиро, ки дар асоси имлои нави забони тоҷикӣ таҳия шудааст, фаро мегирад.

Дастур барои шунавандагону курсантони Академияи ВКД пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, шахсоне, ки меҳоҳанд савияи дониши хаттӣ ва шифоҳии худро дар мавриди омӯзиши забони тоҷикӣ такмил диҳанд, метавонанд онро мавриди истифода қарор диҳанд.




Дар факултети №4 аз тарафи омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурӣ лейтенанти калони милитсия Маруфзода М.М. бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, комплекси таълимӣ-методӣ аз фанни "Пешгирии зӯроварӣ дар оила" ба нашр расид.

Комплекси таълимӣ-методӣ аз маҷмӯаи модулҳои таълими мавзӯъҳои мушаххас иборат буда, ба талаботи касбии кормандони ояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус хатмкунандагони факултети №4 мутобиқат мекунад.

Ғайр аз ин, донишҳои назариявӣ, курси таълимии мазкур ба инкишофи малакаи касбӣ дахолат ба ҳаёти шахси ҷабрдида, ки ба ниёзҳои ӯ асос ёфтааст, равона карда шудааст. Дар он масъалаҳои муҳими зӯроварӣ дар оила, қонунгузории байналмилалӣ ва миллии соҳаи муқовимат ба зӯроварӣ дар оила, раванди ошкоркунии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин фаъолият ба пурраги дарҷ гардидааст.

Фаҳмиши саҳеҳ ё худ дурустрафторӣ дар истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маъмурӣ, оилавӣ, гражданӣ ва байналхалқӣ баҳри мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила дарҷ карда шудааст. Дарки таъсири зӯроварии оилавӣ ба ҷабрдида ва инкишофи малакаҳои тахассусии касбии дахолаткуниҳое, ки аз рӯи талаби ҷабрдида асос меёбад, ба пурраги фаҳмонида шудааст.



Дар факултети №4 таҳти роҳбарии сардори он, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Одиназода А.Ш., маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз тарафи профессорону омӯзгорон дар конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мавзӯи "Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва ҳуқуқии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон ва масъалаҳои он" ба нашр расид.

Дар он сабабу шароитҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва роҳҳои пешгирии он аз лиҳози илмҳои ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ инъикос ёфта, барои кормандони амалӣ, профессорон, омӯзгорон, унвонҷӯён ва курсантон барои пешбурди корҳои илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ пешбинӣ гаштааст.



МУАССИС: Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Раҳимзода Р.Ҳ. Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шарифзода Ф.Р. Сардори Академияи ВКД
Кабирзода Ҷ.Ҳ. Муовини аввали сардори Академияи ВКД
Саидзода З.А. Муовини сардори Академияи ВКД
Ализода А.Ш. Муовини сардори Академияи ВКД
САРМУҲАРРИР: Умед Олим
СУРАТГИР: Шавкат Убайдуллоев
ТАРРОҲ: Муҳаббат Рашидова

Барои истифодаи маводи нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.
Нашрия аксҳо ва баъзе маводро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.
Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд. Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0383/рз аз 24 августи соли 2015 ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо: 226-60-43 (факс), 226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха